«Тасдиқ шудааст»
бо Фармоиши Кумитаи
андози назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «_8_» феврали соли 2013
№_6_Ф

# ТАРТИБИ ҲИСОБКУНӢ ВА МУҲЛАТИ ПАРДОХТИ АНДОЗҲО БАРОИ СУБЪЕКТҲОИ МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Тартиби ҳисобкунӣ ва муҳлати пардохти андозҳо барои субъектҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ (минбаъд - Тартиб) дар асоси қисми 1 моддаи 326 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Кодекси андоз) таҳия гашта, тартиби ҳисоб ва ба буҷет пардохт намудани андозҳо аз субъектҳои минтақаҳои озоди иқтисодиро муайян менамояд.

2. Дар Тартиби чунин истилоҳоти асосӣ истифода мешаванд:

а) **минтақаи озоди иқтисодӣ** – қитъаи маҳдуди бо девор иҳоташуда ва муҳофизатшавандаи қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо ҳудуди аниқ муқарраршуда, дар он барои фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ шароити имтиёзноки иқтисодӣ ва низоми махсуси ҳуқуқӣ муҳайё карда шудааст;

б) **низоми махсуси ҳуқуқии минтақаи озоди иқтисодӣ** – маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқие, ки тартиби фаъолият кардан, шартҳои махсуси андозбандӣ ва муомилоти асъорӣ, гумрукӣ, муносибатҳои меҳнатӣ ва ғайраро дар ҳудуди минтақаи озоди иқтисодӣ муқаррар менамояд;

в) **мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба минтақаҳои озоди иқтисодӣ** – мақомоти давлатӣ, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои таъсис, идора, фаъолият ва барҳамдиҳии минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколатдор карда шудааст;

г) **субъекти минтақаи озоди иқтисодӣ** – соҳибкорони инфиродӣ ва ташкилотҳое, ки новобаста ба шаклҳои ташкилию ҳуқуқиашон мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз қайди давлатӣ гузаштаанд ва бо маъмурияти минтақаи озоди иқтисодӣ дар бораи фаъолият кардан дар ҳудуди минтақаи озоди иқтисодӣ шартнома бастаанд;

д) **шаҳодатномаи субъекти минтақаи озоди иқтисодӣ** – ҳуҷҷати тасдиқкунандаи ҳуқуқи фаъолият ва истифода кардани низоми махсуси ҳуқуқи минтақаи озоди иқтисодӣ;

е) **маъмурияти минтақаи озоди иқтисодӣ** – ташкилоте, ки мақоми муассисаи давлатиро доро буда, минтақаи озоди иқтисодиро идора мекунад.

## 2.АНДОЗСУПОРАНДАГОН

3. Андозсупорандагон – шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда, филиалҳои шахсони ҳуқуқии хориҷие, ки дар ҳудуди минтақаи озоди иқтисодӣ ба сифати субъектҳои он фаъолият мекунанд, ӯҳдадоранд дар айни замон ба чунин шартҳо ҷавобгӯ бошанд:

а) ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда дар бораи гузаштан аз қайди давлатӣ мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» ва дар нозироти андози ноҳияи (шаҳри) дахлдор ба ҳисоб гирифта шудан, дошта бошанд;

б) берун аз қаламрави минтақаи озоди иқтисодӣ воҳидҳои алоҳида надошта бошанд;

в) намудҳои фаъолиятеро амалӣ намоянд, ки низомномаи минтақаи озоди иқтисодии дахлдор манъ накардааст;

г) доштани суроғаи ҳуқуқӣ дар минтақаи озоди иқтисодӣ.

## 3. ОБЪЕКТИ АНДОЗБАНДӢ

4. Ба соҳиби объекти молу мулки ғайриманқули дар ҳудуди минтақаи озоди иқтисодӣ қарордошта дар давоми 3 (се) сол баъд аз таъсис додани минтақаи озоди иқтисодӣ муҳлат дода мешавад, ки мақоми субъекти минтақаи озоди иқтисодии мазкурро соҳиб шавад ё дар асоси шартҳои низомҳои андозии муқаррарнамудаи Кодекси андоз ҳамчун шахсе фаъолият кунад, ки субъекти минтақаи озоди иқтисодии мазкур намебошад.

**Мисол:** *Дар тавозуни (баланси) ҶДММ «Фазо» дар ҳудуди минтақаи озоди иқтисодӣ як бинои ду ошёна қарор дорад, лекин ҶДММ «Фазо» ҳамчун субъекти минтақаи озоди иқтисодӣ ба қайд гирифта нашудааст. Ҷамият бинои дар ихтиёр доштаро ба субъекти минтақаи озоди иқтисодӣ ба иҷора месупорад.*

*Дар мисоли мазкур агар, ҶДММ «Фазо» дар муддати 3 сол мақоми субъекти минтақаи озоди иқтисодиро ба даст наорад, ӯ уҳдадор мешавад, ки яке аз низомҳои муқаррарнамудаи Кодекси андозро интихоб намуда фаъолияти худро давом диҳад.*

5. Объектҳои андозбандии дар ҳудуди минтақаи озоди иқтисодӣ қарордоштае, ки ба субъектҳои минтақаи озоди иқтисодӣ мансуб нестанд, мутобиқи қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон андозбандӣ карда мешаванд.

**Мисол:** *Объекти молу мулки гайриманқули шаҳрванд Табаров.Т дар ҳудуди минтақаи озоди иқтисодӣ ҷойгир аст, аммо шаҳрванд Табаров.Т*

*субъекти минтақаи озоди иқтисодӣ намебошад. Бинобар ҳамин, шаҳрванд ӯҳдадор мегардад андозҳои муқаррарнамудаи Кодекси андозро пардохт намояд.*

## 4. ИНТИҚОЛИ МОЛҲО

6. Молҳои хориҷӣ ва ватанӣ ба минтақаи озоди иқтисодӣ бо пурра озод будан аз пардохти андозҳо ва боҷҳои гумрукӣ, зери назорати мақомоти гумрук бо шартҳои муайяннамудаи низоми гумрукии минтақаи озоди иқтисодӣ ворид карда мешаванд.

**Мисол:** *ҶДММ "Файз" аз Федератсияи Россия бо шартҳои муайяннамудаи низоми гумрукии минтақаҳои озоди иқтисодӣ маҳсулотро барои тайёр намудани мебел ба ҳудуди минтақаи озоди иқтисодӣ ворид намуд. Дар вақти гузаштани сарҳади гумрукӣ ҶДММ "Файз" аз тамоми андозҳо ва боҷҳои гумрукӣ озод мебошад, агар бо маъмурияти минтақаи озоди иқтисодӣ шартнома ба имзо расонида, аз бақайдгирии давлатӣ гузашта бошад ва то ба ҳудуди минтақаи озоди иқтисодӣ ворид шудани мол зери назорати мақомоти гумрук қарор гиранд.*

7. Интиқоли молҳо аз ҳудуди минтақаи озоди иқтисодӣ ба минтақаи дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти назорати мақомоти гумрук бо шартҳои муайяннамудаи низоми гумрукии иҷозат барои муомилоти озод амалӣ карда мешавад.

**Мисол:** *ҶДММ «Алиф» ки субъекти минтақаи озоди иқтисодӣ мебошад ба истеҳсоли доруворӣ машғул мебошад. Ҷамъият маҳсулоти дорувории таёршударо барои ба фурӯш баровардан ба минтақаи дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол дод.*

*Дар мисоли мазкур ҶДММ «Алиф» дар вақти аз ҳудуди минтақаи озоди иқтисодӣ баровардани маҳсулоти доруворӣ андозҳо ва боҷҳои гумрукиро пардохт менамояд.*

8. Интиқоли молҳо аз ҳудуди минтақаи озоди иқтисодӣ ба берун аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти назорати мақомоти гумрук бо пардохт ва (ё) бидуни пардохти андозҳо ва боҷҳои гумрукӣ, бо шартҳои муайяннамудаи низомҳои гумрукӣ амалӣ карда мешавад.

**Мисол:** *ҶДММ "Ватан" дар ҳудуди минтақаи озоди иқтисодӣ ҳамчун субъект ба истеҳсоли нуриҳои минералӣ машғул мебошад. Корхона нуриҳои менералиро тайёр намуда, аз ҳудуди минтақаи озоди иқтисодӣ ба Ҷумҳурии Қазоқистон барои фурӯш интиқол намуд.*

*Дар мисоли мазкур, ҶДММ “Ватан” тибқи банди 8 ҳамин Тартиб дар мутобиқат бо шартҳои муайяннамудаи низоми гумрукӣ аз андозҳо ва боҷҳои гумрукӣ озод мебошад.*

9. Интиқоли молҳо аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳудуди минтақаи озоди иқтисодӣ аз андозҳои муқаррарнамудаи Кодекси андоз озод мебошад.

**Мисол**: *Соҳибкори инфиродӣ Палаев Қаҳрамон барои истеҳсол намудани хишти пухта аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳудуди минтақаи озоди иқтисодӣ таҷҳизоти хиштбароририро барои истеҳсоли хишт ворид намуд.*

*Дар ин мисол соҳибкор барои интиқоли таҷҳизоти хишт барори аз андозбанди озод мебошад.*

## 5. НИЗОМИ АНДОЗ ДАР МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ

10. Субъектҳои минтақаи озоди иқтисодӣ ва маъмурияти минтақаи озоди иқтисодӣ дар доираи фаъолияти дар минтақаи озоди иқтисодӣ амалишаванда ва молу мулки истифодашаванда аз пардохти ҳамаи намудҳои андоз ва ӯҳдадориҳои агенти андози муқаррарнамудаи Кодекси андоз ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба истиснои андозҳои дар бандҳои 11-12 ҳамин Тартиб пешбинигардида озод карда мешаванд.

11. Ташкилотҳо – субъектҳои минтақаи озоди иқтисодӣ агентони андоз оид ба андоз аз даромад ва супорандагони андози иҷтимоӣ нисбат ба шахсони воқеие мебошанд, ки ба онҳо даромадҳо, мукофотпулиҳо, пардохтҳо, фоида ва маблағҳои дигар мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси андоз пардохт мешаванд (бояд пардохт шаванд).

**Мисол:** *ҶДММ “Мармар” ба коркарди санги мармар машғул мебошад. Корхона берун аз ҳудуди минтақаи озоди иқтисодӣ ашёи хомро ба миқдори 10-тонна ба маблағи 100000 сомонӣ барои коркарди санги мармар ба қаламрави минтақаи озоди иқтисодӣ ворид менамояд. Инчунин, корхона 10-то коргарро барои коркарди санги мармар ба кор ҷалб намуда, ба онҳо ба миқдори 700 сомонӣ ҳар моҳ музди маош медиҳад.*

*Корхона маҳсулоти хомро дар муддати 3 моҳ ба маҳсулоти аввалия табдил дод.*

*ҶДММ “Мармар” аз ин амалиёти ба итмом расида аз ҳисоби худ андози иҷтимоӣ ба маблағи 5250 (700х10=7000х3=21000х25%=5250) сомонӣ пардохт намуд. Инчунин, ҷамъият ҳамчун агенти андоз баромад намуда, аз музди маоши коргарони худ андози даромад ва андози иҷтимоӣ барои*

*сугурташавандагонро дар манбаи пардохт нигоҳ дошта, ба буҷет пардохт менамояд.*

**Мисол:** *ҶДММ "Сохтумончӣ" барои бунёд намудани бинои чор ошёна дар ҳудуди минтақаи озоди иқтисодӣ бо маъмурияти минтақаи озоди иқтисодӣ шартномаи пудрати сохтумонӣ ба имзо расонид. Пудратчӣ яъне ҶДММ "Сохтумончӣ" субъекти минтақаи озоди иқтисодӣ набуда, бинобар ҳамин ҷаъият уҳдадор мегардад, ки андозҳои муқаррарнамудаи Кодекси андозро ба пурраги пардохт намояд.*

12. Соҳибкорони инфиродие, ки тибқи шаҳодатнома фаъолият мекунанд- субъектҳои минтақаи озоди иқтисодӣ дониста мешаванд:

а) нисбат ба даромадҳои бевосита гирифтаи (гирифта мешудаи) онҳо – мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси андоз супорандагони андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ мебошанд, ки ҳар семоҳа пардохт мешаванд;

б) нисбат ба даромад, подош, пардохт, фоида ва дигар пардохтҳои ба манфиати шахси воқеӣ пардохтшуда (пардохтшаванда) мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси андоз супорандагони (агентони андози) андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ мебошанд.

**Мисол:** *Соҳибкори инфиродӣ Бобоев Яҳё дар моҳи январи соли 2013 ба истеҳсоли дару тирезаи пластикӣ шурӯъ намуд. Дар ҳамин моҳ соҳибкор ба маблаги 50000 сомонӣ ашёи хомро барои тайёр намудани маҳсулот харидорӣ намуд. Инчунин, соҳибкор барои истеҳсоли дару тирезаи пластикӣ 5-то коргарро ба кор ҷалб намуда, ба онҳо ба маблаги 500 сомонӣ ҳар моҳ музди маош пардохт менамуд.*

*Дар муддати 3 моҳ соҳибкор ашёи хомро ба маҳсулоти тайёр табдил дод, яъне дару тиррезаҳои пластикӣ истеҳсол намуд. Маҳсулоти тайёршуда ба маблаги 70000 сомонӣ таҳвил карда шуд.*

*Хароҷотҳои соҳибкор дар давоми фаъолият ҳамагӣ маблаги 55125 сомониро (аз ҷумла, 50000 сомонӣ - хароҷот барои хариди ашёи хом, 2500 сомонӣ – фонди музди меҳнат, 625 сомонӣ – андози иҷтимоӣ ва 2000 сомонӣ – дигар хароҷотҳо вобаста ба истеҳсол) ташкил намуд.*

*Соҳибкор ҳамчун агенти андоз андозҳои зеринро дар манбаи пардохт нигоҳ медорад.*

*1) андоз аз даромади ба маблаги 295,75 сомонӣ пардохт менамояд:*

*2500 сомонӣ – 25 сомонӣ (1%- андози иҷтимоӣ) =2475 сомонӣ;*

*2475 сомонӣ – 500 сомонӣ (100 сомонӣ * 5 коргар) =1975 сомонӣ;*

*500 сомонӣ (100 сомонӣ * 5 коргар) *8% = 40 сомонӣ*

*1975 сомонӣ – 200 сомонӣ (40 сомонӣ*5 коргар) = 1775 сомонӣ;*

*1775 сомонӣ *13% = 230,75 сомонӣ;*

*230,75 сомонӣ +40 сомонӣ = 270,75 сомонӣ.*

*Аз ҳисоби худ ҳамчун суғуртакунанда:*

*2) андози иҷтимоӣ ба маблағи 625 сомонӣ пардохт менамояд:*

*500*5 = 2500 * 25% = 625 сомонӣ.*

*Инчунин ҳамчун суғурташаванда:*

*3) андози иҷтимоии худи соҳибкори инфиродӣ ба маблағи 700 сомонӣ пардохт карда мешавад:*

*70000 сомонӣ – (даромади умумӣ) *1% (меъёри андози иҷтимоӣ )= 700 сомонӣ.*

## 6.ТАРТИБИ ҲИСОБ ВА ПАРДОХТИ АНДОЗҲО

13. Ҳисобкунӣ, тартиб ва муҳлати пардохти андозҳои барои субъектҳои минтақаи озоди иқтисодӣ муқарраргардида, инчунин аз ҷониби онҳо пешниҳод намудани эъломияҳо ва ҳисоботи дигари андоз дар асоси Тартиб амалӣ карда мешаванд.

14. Хусусиятҳои муносибати мутақобилаи мақомоти андоз бо маъмурияти минтақаи озоди иқтисодӣ метавонанд дар созишномаи байни онҳо басташуда муайян карда шаванд.

## 7. ПЕШНИҲОДИ МАЪЛУМОТ

15. Маъмурияти минтақаи озоди иқтисодӣ ҳар семоҳа на дертар аз санаи 15 моҳе, ки баъд аз семоҳаи ҳисоботӣ фаро мерасад, ба мақоми андози маҳалли баҳисобгирии худ оид ба субъектҳои минтақаи озоди иқтисодӣ ва объектҳои андозбандӣ бо шакли муқаррарнамудаи ҳамин Тартиб замимаи 1 маълумот пешниҳод менамояд.

16. Субъектҳои минтақаи озоди иқтисодӣ ҳисоби алоҳидаи даромадҳо, хароҷот, молу мулк ва фаъолияти хоҷагидории худро мувофиқи Тартиби мазкур пеш мебаранд.

## 8. ИМТИЁЗҲОИ АНДОЗӢ

17. Имтиёзҳои андоз барои субъектҳои минтақаи озоди иқтисодӣ танҳо ба он қисми фаъолияти онҳо, ки он дар ҳудуди минтақаи озоди иқтисодӣ ба анҷом расонида мешавад, амал мекунад.

18. Андозбандии фаъолияти берун аз ҳудуди минтақаи озоди иқтисодӣ мутобиқи қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

## 9. ҶАВОБГАРӢ ВА НАЗОРАТ

19. Назорати пардохти андозҳоро аз ҷониби субъектҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ мақомоти андоз ва гумрук амалӣ менамоянд.

20. Андозсупорандагон, намояндагони онҳо ва шахсони мансабдор, барои ба таври лозима иҷро накардани талаботи қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи Кодекси андоз ва дигар қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошанд.